# ХУЛОСАИ КОМИСИЯИ ТАШХИС

Ба дисертатсияи номзадии Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна дар мавзӯи «Таҳлили грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ дар назди Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ, профессор Мамадназаров А., доктори илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарзода Ж.Б. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Талабов Т.С. диссертатсияи номзадии Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевнаро таҳти унвони «Таҳлили грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» таҳти таҳлилу омӯзиш қарор дода, ба хулосаҳои зерин омаданд:

**Аҳамиятнокӣ, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқоти мазкур** аз он далел бармеояд, ки омӯзиши муқоисавии забонҳо ҳамчун як раванд имрӯз қариб ҳама дараҷаҳои сохтории забонҳоро фаро мегирад ва объекти афзалиятноки омӯзиши махсус аз нигоҳи муқоисавӣ-типологӣ мебошад. Мавҷуд набудани таҳқиқоти махсус оид ба хусусияти хоси грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахссии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ объекти омӯзиши моро муайян мекунад. Адабиёте, ки ба омӯзиши хусусиятҳои грамматикии низоми ҷонишинии олмонӣ бахшида шудааст, ба масъалаи махсусияти сохтори семантики онҳо, маънои шахсҳо, ки бо шаклҳои субъектӣ таҳвил дода мешаванд, дахл наменамоянд. Ҷонишинҳои шахсӣ ҳамзамон чун ифодаи категорияи шахс будан ин вазифаро бо шаклҳои ифодаи шахс дар феълҳо ба ҳам мебинанд, ки мавҷудияти онҳо дар чунин забонҳо, мисли тоҷикӣ ва олмонӣ, доираи пайдоиши шаклҳои субъектиро маҳдуд мегардонад. Зимнан тафовутҳои вазифавии ифодаи категорияи мазкур бо ҷонишини шахсӣ ва шаклҳои ифодаи феълӣ ба назар гирифта намешавад. Масъалаи мақоми коммуникативии шаклҳои субъектӣ бо сабаби дар аксари

мавридҳо шаклан ғайри ҳатмӣ будани онҳо ноомӯхта боқӣ мемонад. Типҳои ҳолатҳои прагматикӣ, ки барои эксплитсивӣ кунондани ҷонишинҳои шахсии субъектии тоҷикӣ ва олмонӣ хосанд, муайян карда нашудаанд. Муқоисаи вожаҳои ду забони гуногуннизом имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба чунин падидаҳое, ки зимни омӯзиши яке аз забонҳо метавонистанд ноаён монанд, бештар ҷалб карда шавад.

Диссертатсияи мазкур ба *таҳлили грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз лиҳози муқоисавӣ-типологӣ* бахшида шудааст. Махсусияти семантикии ҷонишинҳои шахсиро забоншиносон кайҳо боз дарк мекунанд, аммо то замони ҳозир онҳо бо ёрии таҳлили контрастивӣ ва мақсади ошкорсозии таркиби семагии онҳо мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтаанд. Ҳамин тариқ, коркарди нокифояи илмии проблемаи мавриди баррасӣ мавзӯи таҳқиқи диссертатсионии мазкурро муайян намудааст.

**Ҳадафи таҳқиқоти мазкур** муқоисаи амалкарди хусусиятҳои грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, муайян кардани шабоҳатҳо ва фарқиятҳо дар истеъмоли ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои муқоисашаванда ва ошкоргардонии омилҳо ва сабабҳоест, ки онҳоро ихтилофот дар истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои мавриди баррасӣ ба вуҷуд меоранд.

**Объекти таҳқиқотро** хусусиятҳои хоси сохторӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар муносибатҳои грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ташкил медиҳанд.

**Мавзӯи тадқиқот** хусусиятҳои амалкарди ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои гуногунсохтор - тоҷикӣ ва олмонӣ мебошад.

Дар заминаи ҳадаф, объект ва предмети таҳқиқот унвонҷӯ дар рисолаи худ тавонистааст, ки як қатор вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро мавриди омӯзиш қарор бидиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба даръёфти дарачаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсинӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатси дар 168 саҳифаи компютерӣ иншо гардидааст.

Дар **муқаддима** муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шудааст, проблема, ҳадаф, объект, предмет, вазифаҳо баён шудаанд, асосу заминаи назариявӣ-методологии тадқиқот пешкаш гаштааст, навгониҳои таҳқиқот кушода дода шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор зикр гаштааст, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта ба расмият дароварда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони *«Асосҳои назариявии таҳқиқоти типологӣ ва пажӯҳиши ҷонишинҳо дар забоншиносии ватанӣ ва хориҷӣ” ба пажуҳиши масъалаҳои* “Мавқеи методҳои муқоисавӣ ва контрастивӣ дар забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ; Масъалаҳои пажӯҳиши ҷонишинҳо аз ҷониби забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ; Таҳлили контрастивии ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун асоси муайянсозии шабоҳатҳо ва тафовутҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ; Низоми ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ” бахшида шудааст.

Боби дуюми рисола таҳти унвони «*Хусусиятҳои грамматикӣ ва категориявии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»* ба тавзеҳи ҳамаҷонибаи масалаҳои «Хусусиятҳои категориявӣ ва сохторӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ; Маънои дейктикии ҷонишинҳо; Таносуби категорияи шахс ва категорияи субъект дар низоми прономиналӣ;Таносуби категорияҳои шахс ва персоналият дар забонҳои муқоисашаванда» бахшида шудааст.

Дар фасли *«Хусусиятҳои категориявӣ ва сохторӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»* қайд мегардад, ки омӯзиши хусусиятҳои грамматикии ҳама гуна забон бе муқаррарсозӣ ва таҳлили зуҳурот ва категорияҳое, ки асоси онро ташкил медиҳанд ва инкишофи онро муайян мекунанд, имконнопазир аст. Таври маълум,

асоси сохти грамматикии забон категорияҳои грамматикии он мебошанд. Бешубҳа, онҳо дар байни дигар зуҳуроти шаклӣ тафовут доранд.

Дар сохтори категорияи грамматикӣ хусусияти хоси забонҳо басо равшан зуҳур меёбад. Масалан, *категорияи ҷинс*, ки барои забонҳои олмонӣ ва русӣ роиҷ мебошад, барои як қатор оилаҳои пурраи забонҳо – тоҷикӣ, туркӣ, финнӣ-угорӣ ва дигарон комилан номаълум аст. Дар баробари ин, се ҷинс ҳам, ки дар забонҳои германӣ, славянӣ ва ғайра мавҷуданд, ҳадди охир нест. Хусусияти *категориявии ҷонишинҳои шахсӣ дар забони тоҷикӣ* дар баррасии категорияҳои шумора, шахс, таърихи амалкард ва тағйирот дар парадигмаи ҷонишинҳои шахсӣ зоҳир мегардад.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқоти "*Тавсифи функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ*" бахшида шудааст, ки фаслҳои "Таъсири мутақобилаи ҷонишинҳои шахсӣ ва verbum finitum (феъли тасрифӣ) аз дидгоҳи муносибати функсионалӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ; Хусусиятҳои маънои консептуалии ҷонишинҳои шахсӣ; Ҷонишинҳои шахсии субъектӣ аз дидгоҳи ҷанбаи прагматикӣ ва Функсияҳои семантикӣ-синтаксисии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ"-ро дарбар мегирад. Моҳияти *муносибати функсионалӣ-семантикиро* одатан дар таҳлили дугунаи самти таҳлил ва маҳз: аз вазифа ба воситаҳо ва аз воситаҳо ба вазифа мебинанд.

Дар хотима қайд гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти сомондодашуда нуқтаи назареро тасдиқ мекунанд, ки ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун яке аз дараҷаҳои синфи ҷонишинҳо мақоми мустақилонаи грамматикӣ, маънои доимии лексикӣ доранд ва дар нутқ вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд.

**Эродҳо дар маҷму оид ба рисолаи таҳқиқотӣ**

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи диссертатсия ва автореферат баъзе эродҳо пешниҳод мегарданд, ки муаллиф бояд онҳоро ба эътибор гирад:

1.Ҳачми автреферат аз меъёри талабот хеле зиёд аст.

2.Асарҳои ба ҷонишинҳо бахшидашудаи олимони тоҷик таҳлили амиқ наёфтаанд.

3. Баъзан сарчашмаи асарҳои истифодашуда зикр нагардидааст.

4. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда шифри автореферат нишон дода нашудааст.

5. Дар феҳристи адабиёт ба ҷойи саҳифаи умумии асар саҳифаи иқтибос омадааст.

Эродҳои зикрёфта аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо коста гардонида наметавонанд, онҳо ислоҳпазир мебошанд.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 10 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 4 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии бадастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба таҳлили категориявиявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз лиҳози муқоисавӣ-типологӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Хулоса**

Вобаста ба актуалият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада

диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Таҳлили грамматикӣ-карегориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Оид ба диссертатсияи Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна таъин карда шаванд:

- *ба ҳайси муассисаи пешбар:* Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

- *ба ҳайси муқарризони расмӣ:*

- доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Мамадасламов Мамадсаид Саидасламович;

- номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Н. М. Осимӣ, Бобоева Мадина Маруфовна.

Раиси комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мамадназаров А.

Аъзои комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарзода Ж.Б.

Аъзои комиссияи ташхисӣ:-
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Талабов Т.С.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

23.02.2021 с.